«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________
«16» ____03____ с.2023

**Хулосаи**
**ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда шудааст, дар кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич солҳои 2018-2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вобаста шудааст.

Тибқи қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 31-уми майи соли 2018 протоколи №11/5.21 мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич бо номи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**1.Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Аҳамият ва нақши соҳаи саноати хӯрокворӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз аз рӯз меафзояд ва хавфҳои молиявие, ки ба ин соҳаи иқтисодиёт хос аст ба назар гирифтан зарур мебошад. Ва пеш аз ҳама ба хусусиятҳои дохилисоҳавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудан лозим аст: вобастагӣ аз базаи ашёи хом, мураккаб будани нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, инчунин дар кашондани онҳо, мавсимӣ будани истеҳсолот, сарфи зиёди моддии истеҳсолот ва ғайра. Аз ин рӯ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявию иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, ба даст овардани натиҷаҳои оптималии молиявӣ бо роҳи оптимизатсияи нишондиҳандаҳои молиявӣ, таҳияи стратегияи идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар корхонаҳо зарур аст. Ин вазъият ҷустуҷуи объективии асосҳои назариявию методологиро тақозо мекунад ва ҳалли ин масъалаҳо мубрамият, интихоби мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои диссертатсияро муайян мекунад.

Диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавзуи рӯзмарраи шароити муосир буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Ҳамзамон, бо забони илмӣ ва шевои тоҷикӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**2.Мақсади таҳқиқот** ин омӯзиши хусусиятҳои назариявӣ - методологии хавфҳои молиявӣ ва дар ин асос такмил додани усулҳои арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**3.Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравад:**

1.Муқаррар шуд, ки идоракунии хавфҳои молиявӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо ва чорабиниҳое мебошад, ки дар сатҳи муайян барои пешгӯии ҳолатҳои хавф ва бартараф намудани онҳо имконият медиҳанд. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои муосири илмӣ ва ҷанбаҳои назариявӣ тафсири муаллифии хавфҳои молиявӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он "хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ- ин хавфҳои эҳтимолияти талафоти фоиданокии корхона дар асоси самаранок ба роҳ намондани низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ, сари вақт арзёбӣ накардани вазъияти молиявии корхона, инчунин надоштани стратегияи идоракунии ба хавф нигаронидашудаи он пайдо мешаванд";

2. Муайян шуд, ки сатҳи муракабии хавфҳои молиявӣ вобаста аз омилҳои гуногун, сабабҳо, манъбаҳо, хусусияти ҳисоботи молиявӣ ва ғайра метавонад фарқ кунад. Вобаста ба он, ки чунин омилҳо хело зиёданд, пас барои таҳлили нақшавии хавфи молиявӣ бояд омилҳои асосии он, ки воқеан ҳолати хавфро ба вуҷуд оварда метавонанд муайян гардидаанд: омилҳои идорашаванда (ташкили меҳнат, сохтори идоракунӣ, истифодаи захираҳои дохилӣ, равандҳои истеҳсолӣ ва ғайраҳо ва омилҳои идоранашаванда (иқлимӣ, сиёсӣ, экологӣ, муваққатӣ ва ғайра), ки онро субъекти идоракунанда тағйир дода наметавонад. Муайян шуд усулҳои асосии идоракунии хавфҳои молиявӣ аз қабили: пешгирӣ (канорагирӣ), маҳаллисозӣ (маҳдудият), диверсификатсия, ҷуброн ва интиқоли хавф. Ҳар яке аз ин усулҳо дар алоҳидагӣ ё якҷоя истифода бурдан мумкин аст ва интихоби онҳо аз таҷрибаю қобилияти роҳбар вобастагӣ дорад, ки ба тактикаи қабули қарорҳо, муносибати фаъол ё ғайрифаъол ба хавф, сиёсати идоракунии хавфҳои корхона қабул карда мешаванд.

3. Таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии молиявии корхонаҳои саноати хӯроквори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, ки дар натиҷа муаммоҳое, ки ба устувории молиявӣ ва рушди иқтисодии онҳо таъсири манфӣ мерасонад ошкор гардид. Таҳлили гузаронидашуда имкон медиҳад, ки тибқи маълумоти ҳисоботи молиявии муттаҳидшудаи корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли устувори пастшавии коэффитсиенти бозоргирии ҷорӣ яке аз муҳимтарин коэффитсиенти молиявии корхона дида мешавад, ки ба корхона барои пӯшонидани ухдадориҳои молиявии ҷорӣ дар муддати кӯтоҳ имкони қобилияти арзёбӣ медиҳад. Дар тамоми давраи таҳқиқот хавфҳои қарзи кредиторӣ ва

дебиторӣ зиёд шуданд, ки ба устувории молиявӣ таъсири манфӣ расонида, боиси хавфи пардохтнапазирии корхона оварда мерасонад. Муайян карда шуд, ки чунин динамика дар бораи таҳдиди ноустувории молиявӣ, маблағгузории ғайриоқилонаи фаъолияти асосии истеҳсолӣ, аз даст додани назорат аз болои сармоя, иҷро нашудани шартномаҳо ва аз байн рафтани робитаҳо бо таъминкунандагон нишон медиҳад.

4.Таҳлили коррелятсионӣ байни нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, омилҳои таъсиррасон ба натиҷаҳо муайян карда шуданд. Зимни таҳқиқот аз натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ маълум гардид, аз 5 омилҳои таъсиррасон ба пешгирии хавфи молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи, яъне коҳиш ёфтани қарзи кредиторӣ, омилҳои хариди воситаҳои асосӣ ва ҳаҷми фуруш, ҳамчун омилҳои таъсиррасон муайян гардиданд. Натиҷаи таҳлили регрессионии арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки вобастагии байни нишондодҳои натиҷавии қарзҳои кредиторӣ ва воситаҳои асосию ҳаҷми фуруш назаррас буда, ҳангоми ба як фоиз зиёд гардидани ҳаҷми харидории воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои мазкур, дараҷаи қарзи кредиторӣ ба ҳисоби миёна ба 10,32 фоиз зиёд мегардад. Ҳангоми ба як фоиз зиёд гардидани ҳаҷми фурӯш дар корхонаҳои саноатии хӯрокворӣи ҷумҳурӣ, ба ҳисоби миёна сатҳи қарзи кредитории корхонаҳои мазкур ба 5,9426 фоиз коҳиш меёбад.

5. Дар асоси таҳлили хавфҳои молиявии корхонаҳо харитаи хавфҳои молиявӣ мувофиқи хусусиятҳои корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шуд. Дар харитаи хавфҳои молиявӣ аз рӯйи дараҷаи таъсири онҳо ба фаъолияти молиявию иқтисодии корхонаҳо ҷойгир карда шудаанд. Корхонаҳои мазкур ҳамасола ҳангоми банақшагирии фаъолияти молиявию иқтисодӣ бояд харитаи хавфи молиявиро вобаста ба нишондиҳандаи пазироии хавф, ки роҳбарият муқаррар кардааст, ташкил намоянд. Харитаи хавфи молиявӣ имкон медиҳад, ки тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд: муайян кардани сатҳи хавфҳои молиявӣ, ки корхонаҳои саноатӣ бештар дучор мешаванд; арзёбии ҳудуди намудҳои гуногуни хавфҳои молиявӣ ва муайян кардани талафоте, ки онҳо метавонанд ба бор оваранд; таҳлили таъсири хавфҳои молиявӣ ба фаъолияти ҷорӣ ва стратегии корхонаҳои саноатӣ; барои пешгирӣ кардан ё кам кардани оқибатҳои хавфи молиявӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаҳои саноатӣ маҷмӯи тадбирҳоро тартиб диҳанд.

6.Стратегияи идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асоснок шудани роҳҳои рушди он таҳия ва пешниҳод гардид. Стратегияи пешниҳодгардида фаслҳои зеринро дар бар мегирад: вазифаҳо ва самтҳои шуъбаи идоракунии хавфҳо дар корхона; ҷорӣ намудани идоракунии ба хавфҳ нигаронидашуда дар тамоми равандҳое, ки дар корхона ба амал меоянд; тартиботи муайян намудани хавфҳои молиявӣ; усулҳо ва тарзҳои арзёбии хавфҳои молиявӣ;

воситаҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ; принсипҳои ташаккули сандуқи хавфҳои молиявӣ; муайян кардани худуди пазироии хавфи корхона мебошад.

7.Ҳангоми гузаронидани таҳлили таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар доираи сохтани моделҳои низоми идоракунии ба хавф нигаронидашуда самтҳои асосии сиёсати идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар корхонаи саноати хӯрокворӣ таҳия ва пешниҳод гардид. Татбиқи самтҳои асосии ин сиёсат ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки ба сохтани низоми идоракунии ба хавф нигаронидашуда афзалият дода шавад. Паз аз ҷори намудани сиёсати мазкур ба низоми идоракунии корхона талаботҳо ва тартиботи арзёбии низоми идоракунии хавфҳоро дақиқ омухтан зарур аст ва тавсияҳое, ки аз рӯйи натиҷаҳои он бароварда шуданд барои сари вакт бартараф намудани камбудиҳо кумак мерасонанд.

**4.Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** асарҳои бунёдии олимони соҳа оид ба молия ва хавфҳои молиявӣ, интишороти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, таҳқиқотҳо доир ба арзёбии хавфҳои молиявӣ ва усулҳои онҳо дар корхонаҳои саноатӣ ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое муаллиф, ки дар таҳқиқот мавҷуданд илман асоснок буда, бахри тавсияи донишҳои назариявӣ дар соҳаи хавфҳои молиявӣ ва арзёбии идоракунии самараноки хавфҳои молиявӣ мусоидат менамоянд, инчунин як қатор пешниҳодҳои овардашуда метавонанд татбиқи амалии худро барои такмили қонунгузории соҳа пайдо намуда бо назардошти манфиатҳои корхонаҳои саноати хӯрокворӣ татбиқ гардад. Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар раванди таълим, зимни тадриси фанҳои таълимии “Идоракунии хавфҳои молиявӣ”, “Хавф-менеҷмнт”, “Молия”, “Менеҷменти молиявӣ”дар ихтисосҳои иқтисодии муассисаҳои олии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

**5.Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст.

**6.Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.07. - молия, муомилоти пулӣ ва қарз КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад: банди 3.19. Назарияи қабули қарорҳо ва методҳои идоракунии таваккалҳои молиявӣ ва андозӣ; банди 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, муаммоҳои муносибкунонии сохтори сармоя; банди 5.4. Рушди методҳои арзёбии таваккалҳо ва таъсири онҳо ба арзиши бозорӣ; банди 5.5. Арзёбии дороиҳои молиявии корхона: муаммоҳо ва равишҳо.

**7.Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва далелноккунии вазифаҳои диссертатсия иборат буда, ҷамъбасткунӣ, мураттабсозӣ, арзёбӣ ва муайян кардани усулҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳлили ҳолати низоми

молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва дурнамои рушди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст. Натиҷаи алоҳидаи диссертатсия ҳангоми кор карда баромадани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои гуногуни молиявӣ дар ҷумҳурӣ истифода бурда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ нашр ва дар конференсияҳо дар солҳои 2016-2022 маърӯза шудаанд.

**8.Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин, дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ироа гардидаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2016-2022 дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

**9.Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 18 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 6,2 ҷузъи чопӣ таҳия намудааст, ки аз он 8 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф дарҷ гардидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст.

**10.Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулосаву пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо фарогирии 180 номгӯй, 24 ҷадвал, 16 расм ва 3 диаграмма иборат буда, дар ҳаҷми 175 саҳифаи чопӣ ҷамъбаст гардидааст.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти дисссертатсионӣ 18 мақолаи илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 6 ҷузъи чопӣ (дар яккамуаллифӣ ва ҳаммуаллифӣ) нашр гардидааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шуданд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Амиров М.С. Идоракунии таваккалҳои молиявӣ дар шароити номуайян [Матн] / М.С. Амиров, Х. Ҷураева //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав: (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. ш.Бохтар 2018, №1/4 (57) С. 125 - 131.

[2-М]. Амиров М.С. Арзёбии иқтисодии самаранокии идоракунии хавфи молиявии корхонаҳо дар шароити муосир [Матн] / М.С. Амиров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ: - ш.Душанбе 2020, №8 С.221-231.

[3-М]. Амиров М.С. Асосҳои назариявии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар ташкилот [Матн] / М.С. Амиров, Б.Г. Сафаров //Пайёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон:- ш. Душанбе, 2020, №4 (24). С.73-81.

[4-М]. Амиров М.С. Моҳияти иқтисодӣ ва арзёбии хавфҳои молиявии ташкилотҳо [Матн] / М.С. Амиров, Х. Ҷураева //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав: (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 4. ш.Бохтар, 2021, №1/4 (62). С. 166 – 174.

[5-М]. Амиров М.С. Арзёбии омилҳои беруна ва дохилаи идоракунии хавфҳои молиявии корхона [Матн] / М.С. Амиров, Б.Г Сафаров //Пайёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: - ш. Душанбе, 2021, №1 (25). С. 43 - 48.

[6-М]. Амиров М.С. Таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] / М.С. Амиров, Е.Ш. Мирзоева //Пайёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: - ш. Душанбе, 2021, №4/1 (29). С. 65 - 74.

[7-М]. Амиров М.С.Таҳлили таъсири хавфҳои молиявӣ ба рушди корхонаҳои саноати хурокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Г. Сафаров, М.С. Амиров, Пайёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: - Душанбе 2022, №2 (31). С. 62-73

[8-А]. Амиров М.С. Хусусиятҳои модели бисермеъёрии арзёбии хавфи молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворechoии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] /М.С.Амиров/ Пайёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: - Душанбе 2022, №4 (33).

**Дар дигар нашрияҳо:**

[9-М]. Амиров М.С. Ҷанбаҳои назариявии инвеститсияҳои таваккалӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ[Матн] /М.С. Амиров / Маводи конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Ташаккули модели инвеститсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон", Душанбе 2018, С. 70 – 74.

[10-М]. Амиров М.С. Идоракунии хавфи молиявӣ дар корхона: усулҳо ва моделҳо [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмӯаи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Иқтисодиёти рақамӣ: муаммоҳо рушд ва механизмҳои ҳалли он», ДДМИТ 12 декабри соли 2020, ш. Душанбе, -С-177 – 183.

[11-М]. Амиров М.С. Хавфи молиявӣ дар марҳилаи рушди устувори иқтисодӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маводҳои конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ", Донишгоҳи милии Тоҷикистон, Душанбе - 2020. С. 300 - 308.

[12-М]. Амиров М.С. Влияние финансового риска на инвестиционную активность предприятий Хатлонской области [Матн] /М.С. Амиров /Материалы международной научно - практической конференции "Использование современных методов управления в социально - экономическом равитии Республики Таджикистан" Российско-Таджикский (Славянский) университет. Душанбе - 2020г С. 161-166.

[13-М]. Амиров М.С. Усулҳои арзёби хавфи асъорӣ ва танзими он дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», н. Рашт - 2021, С. 136 - 144.

[14-М]. Амиров М.С. Модели идоракунии хавфҳои лоиҳа дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи "Иқтисодиёт, идоракунӣ ва молия дар КАС: ҳолат ва дурнамои рушди илм дар асри 21", Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, ш.Душанбе - 2021, С. 149 - 153.

[15-М]. Амиров М.С. Усулҳои идоракунии хавфҳои асъорӣ дар корхона [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ". Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш.Душанбе, - 2021, С. 395 - 399.

[16-М]. Амиров М.С. Идоракунии хавфҳои молиявӣ дар шароити иқтисодӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат: воқеият ва дурнамо» (ш. Душанбе, 23- юми октябри соли 2021), ДДМИТ соли 2021 С. 338 - 344

[17-М]. Амиров М.С. Устувории молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он», 7- уми декабри соли 2021, ДДМИТ, ш. Душанбе.

[18-М]. Амиров М.С. Пазироии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ омили рушди саноатикунонӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маводи Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар» н. Рашт - 2022, С. 146 - 156.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Амиров М. С. дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Амиров М. С. дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурой диссертатсионии 6D.KOA - 0014-и назди ДДМИТ пешниҳод карда шавад.

3. Қарори Шӯрои олимони факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз "15" 03 с.2023 протоколи №8 тасдиқ карда шавад.

4. Назорати қарори мазкур ба зимаи раиси Шӯрои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Тарафдор – 26;

Муқобил – нест;

Бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа**
Декани факултети менеҷмент
ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ
н.и.и., дотсент — Хоҷазода Д.Қ.

**Котиби илмӣ:**
н.и.ҳ., дотсент — Мирзоев С.А.

**Муқарризи холис:**
н.и.и., профессори кафедраи
молияи ДДМИТ — Бегматов А.А.

**Муқарризи холис:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
идоракунии молияи давлатии ДМТ — Икромов Ф.Н.

Имзоҳои Хоҷазода Д.Қ., Мирзоев С.А.
Бегматов А.А.- ро тасдиқ мекунам,

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.
"15" 03 с2023

Имзои Икромов Ф.Н. - ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
"16" 03 с.2023